# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ходжаев Парвиз Давронович ба диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт пешкаш карда шудааст.**

## Муҳиммият ва зарурати таҳқиқоти гузаронидашуда

Шиддатёбии рақобат дар бозори молии ҷаҳонӣ, вазъияти номуайянӣ дар муҳити байналмилалӣ, дарки аҳамияти дигаргуниҳои сохторӣ дар иқтисодиёти миллӣ бо мақсади афзоишдиҳии ҳаҷми хизатрасониҳо ва коркарди арзиши иловашуда бо дарназардошти принсипҳои рушди босубот, зарурати такомули идоракунии бахшҳои гуногуни иқтисодиро тақозо менамояд. Иқтидори зиёди сайёҳӣ, фарҳангӣ ва таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун омилҳои асосии инкишофёбии соҳаи сайёҳӣ баромад мекунанд. Зеро инкишофи соҳаи сайёҳӣ барои таъминоти иҷроиши вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва гуманитарӣ мусоидат карда, ҳамчун заминаи зарурӣ барои рушди соҳаҳои дигар хизмат менамояд.

Солҳои охир аз тарафи давлату ҳукумат ба инкишофёбии соҳаи сайёҳӣ диққати махсус зоҳир карда мешавад. Боиси қайд аст, ки соҳаи мазкур дар ташаккулёбии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва маҷмӯи маҳсулоти минтақавии манотиқи мамлакат, баланд намудани шуғли аҳолӣ, беҳтар намудани вазъи тавозуни пардохт мусоидат менамояд. Бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади тақвият бахшидан ба рушди соҳаи сайёҳӣ, соли 2018 “Соли рушди сайёҳӣ” эълон гардида, солҳои 2019-2021 ҳамчун “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” муқаррар карда шуданд. Дар ин радиф мақсади асосии давлату ҳукумат аз таъмини шароитҳои мусоид барои ташкили самараноки фаъолияти субъектони соҳаи сайёҳӣ дар кишвар ва дар ин васила таъсис додани бозори рақобатпазири хизматрасонии сайёҳӣ иборат мебошад, ки барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти аҳолӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ равона карда шудаанд. Новобаста ба чунин дастовардҳо, саҳми соҳаи сайёҳӣ дар ташаккулёбии маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то ҳол беҳбудиро талаб менамояд. Дар чунин шароит омӯзиш, таҳлил, баҳодиҳӣ ва моделиронии рушди маҷмааи сайёҳии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур ва муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, қайд намудан зарур аст, ки моделиронии ҷараёни рушди маҷмааи саёҳии минтақаҳои кишвар, таъсири онҳо ба пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо ва ҳавасмандгардонии рушди онҳо, муҳимияти тадқиқоти илмии Сабуров Ихтиёр Муҳидиновичро ифода мекунанд.

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм

Диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)”ба шиносномаи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт, алалхусус ба қисматҳои: 1.4. Таҳия ва тадқиқи амсилаҳо ва усулҳои математикии таҳлили равандҳо ва системаҳои микроиқтисодӣ: соҳаҳои иқтисоди миллӣ, муассисаҳо ва корхонаҳо, механизмҳои ташаккули талабот ва таклифҳо, бозорҳо, роҳҳои баҳо додани миқдорӣ ба хавфҳои соҳибкорӣ ва асоснок кардани қарорҳои инвеститсионӣ; 1.9. Таҳия ва такмили усулҳо ва амсилаҳои математикӣ ва пешгӯии таҳлили рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҳаёти ҷамъиятӣ: бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, равандҳои демографӣ, сифати зиндагии аҳолӣ, мувофиқат мекунанд.

## Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст

Дар диссертатсия навгонии илмӣ бо дарназардошти вазифагузориҳо муқаррар карда шудаанд.

Натиҷаҳои илмии диссертатсияи тақризшаванда баҳри коркард ва такомули амсиласозии математикию иқтисодии рушди маҷмааи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамигардонии иқтисодӣ равона карда шудааст.Натиҷаҳои назарраси диссертатсия, ки навгонии илмироинъикос менамоянд аз чунин нуқтаҳо иборат аст:

- муҳтавои мафҳумҳои сайёҳӣ ва маҳсулоти сайёҳӣ аз нуқтаи назари истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда илман асоснок карда шудааст, ки мувофиқи он сайёҳӣ чун соҳаи иқтисоди миллӣ хусусиятҳои хос дошта,хизматрасониҳое, ки дар он пешкаш мегарданд аз тарафи сайёҳ, аз ҷумла чун маҳсулот истеъмол мешавад;
- тавсифоти амсилаҳои математикӣ ва иқтисодии оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳӣ ва самтҳои такмили афзорӣ дар рушди сайёҳии минтақавӣ амалӣ карда шуда, дар доираи онамсилаҳои иқтисодӣ – математикӣ дар асоси омӯзиш ва таҳқиқ баҳри ҳалли масъалаҳои мушаххаси рушд ва амалкарди усулҳои истироҳатӣ, солимгардонӣ, маҷмааҳои сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст;
- унсурҳои бозорӣ дар соҳаи фаъолияти сайёҳӣ бо мақсади таҳияи амсила ва коркарди меъёрҳои иқтисодии рушди оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳӣ илман асоснок карда шуда, вобаста аз натиҷаи ислоҳоти иқтисодӣ дар бахши сайёҳӣ ҷой доштани таъсири омилу нишондиҳандаҳои зиёд арзёбӣ гардида, меъёрҳои таҳияи амсилаҳои иқтисодӣ-математикӣ муйаян карда шудааст;
- тавсифи математикии масъалаи рушди соҳаи сайёҳӣ, қолибияти сармоягузорӣ, таъсир ва тақсимоти он ба рушди соҳаҳои алоҳидаи сайёҳӣ муқаррар карда шуда, ташаккули маблағҳои инвеститсионӣ, шартҳои дастрас

шудан ба онҳо, вариантҳои тақсимоти он аз рӯйи вакт, аз рӯйи самтҳо ва объектҳо, аз ҷумла маблағҳои худӣ дар шакли як қисми фоидаи аз нав инвеститсияшуда ба комплекси сайёҳӣ дар чорчӯбаи модели иқтисодӣ-математикӣ оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳифаро гирифта шудааст;

- инкишофи амсилаи динамикии рушди маҷмӯи сайёҳӣ, ки маҷмӯи хизматрасониҳо ва ҷараёни ташаккули онро дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ ба инобат мегирад муайян карда шуда, нишон дода шудааст, ки вобаста аз манбаъҳои сармоягузорӣ тақсимоти маблағҳо барои рушди комплекси сайёҳӣ ва аз нав сармоягузории фоидаи овардашуда дар соҳаи сайёҳӣ таъмин карда мешавад;
- бо истифода аз банақшагирии стратегӣ нақшаи ташаккули сиёсати давлатии рушди сайёҳӣ пешниҳод ва асоснок карда шуда, дар ин ҷода иқтидори азими сайёҳии Тоҷикистон бо дарназардошти вазъи воқеии маҷмааи сайёҳӣ ташаккули чунин сиёсат аоснок карда шудааст, ки дар марҳалаи муосири рушди иқтисодиётикишвар тадбирҳои асосии дастгирии давлатии инкишофи маҷмааи сайёҳӣ коркард ва пешкаш шудааст.

## Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Муқаррароткҳои илмии дар диссертатсия ифода ёфта аз ҷиҳати хислатҳои муосири тадқиқоти гузаронидашуда эътимоднокии худро тавсиф менамояд. Амалигардонии таҳлили назариявӣ ва методологӣ вобаста ба амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти муколамаи илмӣ ифода ёфтааст. Натиҷаҳои тадқиқот дар нашриётҳои гуногуни хориҷӣ ва тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шудаанд. Хулосаҳои муаллиф оид ба амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси тадқиқ ва омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ доир ба моделиронии рушди соҳаи сайёҳӣ илман асоснок карда шудаанд. Шиносоӣ бо диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки дар он муаллиф дар асоси истифодабарии усулҳои маъмули тадқиқоти иқтисодӣ бо дарназардошти ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот ба як қатор натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

## Мундариҷаи диссертатсия ва тарафҳои мусбию манфии он

Диссертатсияи Сабуров И.М. аз муқаддима, се боб, хулосаю пешниҳод, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Дар диссертатсия 15 ҷадвал, 6 расм ва замима оварда шудааст. Ҳаҷми диссертатсия 175 саҳифаи матни чопиро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи тадқиқот баён карда шуда, дараҷаи тадқиқоти мавзӯъ кушода дода шуда, максад, вазифаҳо, объект ва предмети тадқиқот муқаррар карда шудаанд, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва

амалии тадқиқот, маълумот оид ба интишороти натиҷаҳои тадқиқот ба таври муфассал оварда шудаанд (с. 4-12).

**Дар боби якуми диссертатсия “Асосҳои назариявӣ ва методологии амсиласозии рушди маҷмааи сайёҳӣ”** моҳият ва хусусияти сайёҳӣ, марҳилаҳои рушди сайёҳӣ, усулҳои амсилаҳои тадқиқот ва оптималӣ гардонидани рушди сайёҳӣ мавриди тадқиқ ва таҳлили илмӣ фаро гирифта шудааст. (с. 13-54).

Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки “бастаи сайёҳӣ маҷмуи хизматрасонии сайёҳӣ, саёҳат ва сафар аст, ки дар асоси инфиродӣ ё дастаҷамъӣ аз рӯйи хатсайру барномаи муайян бо бронкуниҳо ва харидани чиптаҳои сафар ташкил карда мешавад. Албатта, дар чунин хизматрасонӣ ҷой гирифтан дар меҳмонхона, хӯрок, суғурта, экскурсия ва бо монанди инҳо ба эътибор гирифта мешавад.” (с. 16-17).Дар саҳифаи 25-уми диссертатсия муаллиф ба таври схема шаклҳои сайёҳиро вобаста аз аломатҳои кишвар тасвир кардааст (расми 1.1.1), ки ҷолиби диққат мебошад. Чунин муносибат ба муаллиф имкон фароҳам овард, ки оид ба шаклҳои сайёҳӣ ақидаҳои асоснокшудаи илмиро пешкаш намояд. Алалхусус диссертатсиянавис диққати махсусро ба сайёҳии дохилӣ ва байналхалқӣ зоҳир намуда, хусиятҳои хоси онҳоро шарҳ додааст. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки “аз нуқтаи назари ба расмият даровардан вобаста ба амалҳои сайёҳон намудҳои зерини сайёҳиро фарқ мекунанд: сайёҳате, ки бо миёнаравии ширкатҳои маҳсулоти сайёҳӣ амалӣ мегардад, ки ин намуди сайёҳӣ тавассути қарордод бо агентии саёҳат ба сафари сайёҳӣ бо пардохти арзиши он ба расмият дароварда мешавад; сайёҳии иҷтимоӣ – сайёҳате, ки аз ҳисоби маблағҳои аз тарафи давлат барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ пардохт мешавад;сайёҳии худфаъолиятӣ – сайёҳат бо истифодаи воситаҳои нақлиётии худ, ки сайёҳон мустақилона ташкил мекунанд” (с. 26). Инчунин дар саҳифаи 28 аз тарафи уновонҷӯ расми 1.1.2 “Шаклу намудҳои сайёҳӣ ва омилҳои ба он таъсиррасонанда” оварда шудааст, ки ҳамчун натиҷаи тадқиқот баромад мекунад. Инчунин Сабуров И.М. марҳилаҳои рушди сайёҳиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди тадқиқ қарор дода, онро ба чор давра ҷудо мекунад: давраи якум то соли 1990, давраи дуюм аз соли 1991 то соли 1997, давраи сеюм аз соли 2000 тосоли 2017 ва ниҳоят давраи чорум аз соли 2017 то инҷониб (с. 34).

Бо истифода аз усулҳои маъмули тадқиқот, муаллиф амсилаҳои фаъолияти сайёҳиро гурӯҳбандӣ карда, онҳоро дар ҷадвал ба таври аён ҷой додааст (ҷадвали 1.3.1., с. 43-44). Мавриди истифода қарор додани амсила ё усули математикии мушаххас омӯзиш ё тадқиқи иловагиро ~~бо~~ тақозои масъалаи пешомада талаб менамояд. Ба ивази ин, дар чунин ҳолатҳо истифодабарӣаз таҳлилу таснифи амсилаҳои маҷмааи сайёҳӣ, фаъолияти сайёҳӣ вобаста аз типҳо ва навъҳои фаъолияти сайёҳии пешниҳоднамуда ҳадафи муаллиф мебошад.

**Дар боби дуюм “Амсиласозии иқтисодӣ-математикии рушди маҷмааи сайёҳӣ”** меъёрҳои иктисодии оптималигардонии рушди маҷмааи сайёҳӣ, амсиласозии математикии оптималигардонии рушди сайёҳӣ, зина ба

зина такомулдиҳии рушди маҷмааи сайёҳӣ мавриди тадқиқ ва таҳлил қарор дода шудаанд (с. 55-97).

Дар ин боби диссертатсия уновонҷӯ тавонистааст, муносибатҳои иқтисодии оптималӣ гардонидани рушди маҷмааи сайёҳиро асоснок намуда, оид зарурати амсиласозии равандҳои рушди ин соҳа ибрози ақида намояд, ки ҷолиби диққат мебошад. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки “Дар шароити бозор меъёрҳои рушди оптималии комплекси сайёҳӣ соф иқтисодӣ, зиёд кардани фоида ва афзудани фоидаи сармоягузорӣ мебошанд...ҳангоми амсиласозии равандҳои рушди маҷмааи сайёҳӣ ба назар гирифтани ҳама гуна ҳолатҳо зарур мебошад.” (с. 58).Аз ин лиҳоз, дар кисми аввали боб муаллиф омилҳои ба рушди сайёҳӣ таъсиррасонро илман таҳқиқ намуда меъёрҳои иқтисодии оптималӣ гардонидани рушди маҷмааи сайёҳро муайян менамояд. Дар ин раванд бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ, унвонҷӯ зичии вобастагии омилҳои ба рушди маҷмааи сайёҳӣ таъсиррасонандаро арзёбӣ намудааст(с. 61).

Муайян намудани меъёрҳои иқтисодии оптималӣ гардонидани рушди маҷмааи сайёҳӣ ба Сабуров И.М. имкон фароҳам овард дар қисми дуюми бобгузориши математекии оптималӣ гардонидани рушди маҷмааи сайёҳиро ба намуди ифодаҳои (2.12-2.21) пешкаш намояд(с. 68).

Амсилаи коркардаи муаллиф маҳдудиятҳо ба монанди ба назар гирифтани иқтидори мавҷуда, балансҳо оид ба ташкил ва самтҳои истифодаи маблағгузорӣ, доир ба воридоти бақияи маблағгузорӣ ва ҷараёни сайёҳонро дар бар гирифтааст.

Саноати сайёҳӣ низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодиро тартиб медиҳад. Ин, дар навбати худ, тартиби амсилаҳои мураккаби динамикиро барои оптималӣ гардонидани рушди сайёҳӣ талаб менамояд. Муаллиф дар натиҷаи тадқиқотҳои худ ба хулоса меояд, ки “Меъёрҳои динамикии рушд водор менамояд, ки амсилаҳои динамикӣ- оптимизатсионӣ пешниҳод гарданд, ки ин мувофиқи гузориши масъала мебошад. Дар фосилаи муайяни вақт вариантҳои рушди низом ба баҳодиҳии иҷтимоию иқтисодӣ бо ташаккули ин арзёбиҳо инъикос дода мешавад. Ба як лаҳзаи вақт овардани харҷҳои замон ва натиҷаашон гуногун ва ба қиёс овардани онҳо бисёр муҳим мебошад.” (с.60).

Ҳадафи пешгирифта дар доираи боби дуюм, алалхусус дар зербоби 2.3 ба Сабуров И.М. имкон фароҳам овард, ки амсилаи иқтисодӣ математикиро коркард намояд, ки хислати динамикӣ дошта, оптималӣ гардонии давра ба давраи маҷмааи сайёҳиро ифода менамояд (с. 79-96, ифодаҳои (2.59) – (2.68)).

**Дар боби сеюм “Амсиласозии рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд”**таҳлили нишондодҳои рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд, амсиласозии математикии оптималӣ гардонии динамикии рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд, самтҳои инкишофи танзими давлатии рушди сайёҳӣ мавриди тадқиқва тадбиққарор дода шудаанд (с. 98-146).

Дар доираи ин дар боби хотимавии диссертатсия муаллиф маълумоти омории тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғдро мавриди таҳлил қарор дода, бобати тамоюли тағйирёбии нишондодҳои тавсифкунандаи сайёҳӣ

ақидаҳои хешро манзур намудааст. Таҳлили эмпирикии вазъи соҳаи сайёҳӣ дар вилояти Суғд ба муаллиф имкон фароҳам овард, ки амсиласозии рушди маҷмааи сайёҳиро амалӣ намояд (с.115-125).

Оптимиалигардонии рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ ба зудӣ барнамегардад. Дар натиҷа муаллиф дуруст ба хулоса меояд, ки“корбурди амсилаҳои пешниҳодгардида, аз ҳар ҷиҳат судманд буда, барои истифодакунанда ҷои нигароние надорад. Дар навбати аввал рушди сайёҳӣ, чунонки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, бо ба даст овардани самараҳои иҷтимоӣ алоқаманд аст ва арзиши худро ба нархи маҳсулоту хизматрасонӣ бо ҳиссаҳои хурд, кафолатнок, устувор ва мунтазам мегузаронад. Пас аз баргардонидани сармоя, ин ҳиссаи нархи хизматрасонӣ низ дар давоми даҳсолаҳои оянда ба фоидаи соф мубаддал мегардад.” (с.151)

Ҷолиби диқат мебошад, муаллиф гуруҳбандии оптималии маҷмааҳои сайёҳии вилояти Суғдро дар асоси истифодаи амали алгоритми афзалиятҳои қоидаҳои гурӯҳбандии алоқаи пурра ва афзалияти локалӣ ва бартараф намудани камбудиҳои ба онҳо хос, бо назардошти нишондиҳандаҳои рақамию сифатии онҳо амалӣ гардонидааст (с. 129-132). Ин гурӯҳбандӣ равияи фаъолияти хоси маҷмааҳои сайёҳӣ мушаххас муайян менамояд.

Вобаста ба самтҳои инкишофи танзими давлатии рушди сайёҳӣ муаллиф, тадбирҳои асосии дастгирии давлатии инкишофи соҳаи сайёҳиро чунин арзёбӣ мекунад: паҳн намудани бартариҳои иқтисодиву иҷтимоии дастгирии давлатии доираи маҳдуди самтҳои муҳимтарини сайёҳӣ;ба фаъолияти сайёҳӣ ҷалб кардани корхонаҳои шакли моликияташон гуногун бо дастгирии давлатӣ; дар шакли ӯҳдадорӣ ё кафолатҳои умумии ҳукумат пешниҳод гардидани дастгирии давлатӣ (с. 136). Дар ин радиф самтҳои бартарии сиёсати давлатии танзими рушди соҳаи сайёҳиро муаллиф чунин баён менамояд: таъмини рушди сайёҳии суроғавӣ – иҷтимоӣ; таъмини ҳимояи ҳуқуқи сайёҳон ва пешгирӣ аз амалҳои ҷиноӣ дар соҳаи сайёҳӣ; таъмини эҳтиёткоронаи истифодаи захираҳои табиӣ ва фарҳангии мамлакат; ташкили омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳои соҳаи сайёҳӣ тибқи стандартҳои байналхалқӣ (с. 136-137).

Вобаста ба такомули танзими давлатии соҳаи сайёҳӣ аз тарафи муаллиф дуруст қайд карда мешавад, ки “дар масъалаҳои ташкили ширкатҳои сайёҳӣ, хусусиятҳои бастани шартномаҳо, машварати ҳуқуқӣ аҳамияти махсус дорад. Аз ин рӯ, вазифаҳои фаврии ҳамоҳангсозии соҳавӣ, байнисоҳавӣ, ҳамчунин дар амалигардонии иҷозатномадиҳӣ ва сертификатсия зарурати ҳамингуна машварат ба миён меояд, ки татбиқи он ба манфиати кор хоҳад буд” (с. 144).

Дар хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия, хулосабарорӣ ва пешниҳодҳои муаллиф доир ба амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён карда шудаанд, ки арзиши илмӣ ва амалӣ доранд.

## Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия

Аҳамияти илмии диссертатсия дар рушди минбаъдаи назарияи амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ дар соҳаи рушди комплекси сайёҳӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, истифодаи оптималӣ гардонидани динамикӣ, таҳлили фракталӣ дар ташаккул ва пешниҳоди як қатор хизматрасонӣ дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ ва тақсимоти маблағҳои сармоягузорӣ барои рушди маҷмааи сайёҳӣ зоҳир мешавад.

Аҳамияти амалии тадқиқот аз он иборат аст, ки амсилаҳо, усулҳо ва алгоритмҳои дар рисола таҳияшуда ба татбиқи стратегияи идоракунии рушди сайёҳӣ аз ҷониби мақомоти минтақавӣ ва маҳаллӣ нигаронида шудаанд. Амсилаи таҳиягардидаи иқтисодӣ-математикии рушди динамикии сайёҳӣ дар иқтисодиёти минтақа арзиши маҷмуи хизматрасонии сайёҳиро бо назардошти хусусиятҳои бозорҳои минтақавӣ ва миллӣ муайян менамояд. Ҳисобҳои таҷрибавӣ дар асоси маводи маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд нишон доданд, ки амсилаи иқтисодӣ-математикии пешниҳодшуда муносиб ва амалан дар компютерҳои муосир қобили иҷро мебошад ва ба таври стандартӣ барномарезӣ шудааст. Усули рақамӣ гардонидани амсилаи зинабазинаи таҳияшуда имконияти истифодаи онро дар шуъбаҳои сайёҳӣ барои асоснок кардани суръат ва самтҳои рушди сайёҳӣ, мушаххас кардани муқаррароти рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои худ таъмин менамояд. Онҳоро дар ташкил ва такмили курсҳои макроэкономика, эконометрика, амсиласозии равандҳои макроиқтисодӣ ва тайёр кардани менеҷерони соҳаи сайёҳӣ истифода бурдан мумкин аст.

## Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Доир ба натиҷаҳои назарраси диссертатсия аз тарафи муаллиф 8 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, 7 мақола дар дигар маҷаллаҳои илмӣ чоп карда шудааст. Интишороти муаллиф мӯҳтавои диссертатсияро пурра фарогир аст.

## Мутобиқати барасмиятдарории диссертасия ба талаботи Комиссия

Диссертатсия ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шӯрои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Камбудиҳои таҳқиқоти диссертасионӣ**

Новобаста ба дараҷаи баланди илмии диссертатсия, он аз як қатор норасоиҳо ва камбудиҳо холӣ нест. Алалхусус:

1. Муқаррароти якуми навгонии илмиро ба таври васеътар кушода додан мувофиқи мақсад ба ҳисоб рафта, муаррифии натиҷаҳои тадқиқотро боз ҳам равшантар мекард.

2. Дар қисмати 1.1 хуб мешуд, агар хидмати таҳқиқотчиёниватаниро доир ба ин масоил, бо назардошти консепсияи муосири дастгирии рушдимаҷмааи сайёҳӣбештар мавриди муколамаи илмӣ қарор дода мешуданд.

3. Ҳангоми тадқиқи марҳилаҳои рушди сайёҳӣ ва хусусияти он, беҳтар мебуд, ки хусусиятҳои хоси рушди сайёҳии аз тарафи муаллиф муқарраргардида дақиқтар нишон дода мешуданд.

4. Арзиши илмии диссертатсия боз ҳам пурқувваттар мегардид, агар ҳангоми амсиласозӣ омилҳо ба эндогенӣ ва экзогенӣ ҷудо карда шуда дар ҷадвалҳои алоҳида нишон дода мешуданд.

5.Дар зербоби 3.3 диссертатсия аз ҷониби муаллиф самтҳои инкишофи танзими давлатии рушди сайёҳӣ ҷудо карда шудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф дар баробари фишангҳои мустақим ва ғайримустақим самтҳои инкишофи танзими давлатии рушди сайёҳӣ диққати хоса медод.

6.Дар диссертатсия нисбати баъзе аз иқтибосҳо доир ба масъалаи таҳқиқшуда нуқтаи назари муаллиф баён нагардидааст.

7.Диссертатсия дорои хатогиҳои грамматикӣ ва орфографӣ буда, хуб мешуд баъзе аз мафҳумҳо ва ҷабҳаҳо мушаххастарбаён мегардиданд.

Камбудиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, моҳияти назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунанд ва дорои характери тавсиявӣ мебошанд.

Автореферат ва корҳои чопшуда ба пуррагӣ таркиби диссертатсияро дар бар мегиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷмӯи корҳои илмию амалӣ ва дар маҷаллаҳои тақризшаванда аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда нашр шудааст.

Вобаста ба ин қайд кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шудааст.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия**

Бо ибрози чунин нуқтаи назар гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад.

Иловатан гуфтан зарур аст, ки диссертатсияи тақризшаванда ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад. Бинобар ҳамин муаллифи он Сабуров Ихтиёр Муҳидинович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт мебошад.

**Муқарризи расмӣ, д.и.и., профессори кафедраи муносибатҳои иқтисодию байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Хоҷаев П.Д.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½. Телефон: +992(37) 234-83-46, +992(37) 234-85-46, (+992) 93860 75 03 (м). www: www.tguk.tj.

Имзои д.и.и., профессор Хоҷаев П.Д-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.**